# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Асоев Сайёд Эмомалиевич дар мавзуи «Таъсири ҳосилаҳои аминокислотагӣ пептидии глитсерин ба нумӯ ва энергияи сабзиши тухми гандум (*Triticum* L.)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.04 – Биохимия пешниҳод гардидааст.

Яке аз самтҳои асосӣ ва стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин баланд бардоштани сифати маҳсулоти хуроквcovрӣ (ғаладонагӣ) ва таъмин намудани амнияти озуқаворӣ ва роҳҳои ҳали он мебошад. Барои ҳали он, маҳз пайвастаҳои органикӣ метавонанд, ки оид ба баланд бардоштани ҳосилнокии зироат мусоидат кунанд. Аз ин лиҳоз, инсон нерӯ ва ғизо ин се мавзуи мубрам (асосӣ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, ҳамаи нигоҳҳоро ба худ ҷалб кардааст, чунки инсонҳо барои бадаст овардани нерӯ масрафкунандаи ғизои солим (озуқаворӣ) мебошанд. Бинобар ин мавзуи инсон, нерӯ ва ғизои солим мо муҳаққиқонро ҳушдор месозад, ки сари ин мавзуъҳои актуалӣ фикр кард ва роҳҳои ҳали онро ҷустуҷӯ бояд, намуд.

Аз ин рӯ, биологияи физикию химиявӣ метавонанд, ки муҳиммияти равиши мақсаднокро оид ба ҷустуҷӯ ва коркарди методҳои самараноки синтези моддаҳои нави аз ҷиҳати биологӣ, физиологӣ ва биохимиявӣ фаъолро тасдиқ намояд.

Мавзуи интихобкардаи рисолаи номзадии Асоев Сайёд Эмомалиевич аз рӯйи ихтисоси 03.01.04 – Биохимия бе шубҳа муҳим ва актуалӣ мебошад. Таҳлили адабиёти илмӣ нишон дод, ки ҳосилаҳои глитсерин солҳои охир дар тибби амалӣ ба сифати маводи доруворӣ, танзимкунандаҳои афзоиш ба таври васеъ истифода бурда мешаванд. Дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ, хулоса бароварда шуда, интихоби мавзуи диссертатсия асоснок карда шудааст. Ғайр аз ин ошкор карда шудааст, ки таҳқиқи хосиятҳои биологии ҳосилаҳои глитсеринии дорои бақияи аминокислотаҳо ва пептидҳо дар мувофиқа бо натиҷаҳои адабиёт кам омӯхта шудааст.

Дар натиҷаи таҳқиқотҳои мунтазаме, ки Асоев С.Э., шароити оптималии бо истифода аз методҳои муосири химиявӣ-биохимиявӣ: ИС-, Масс-спектроскопия ва таҳлили хроматографияи маҳинқабат ва Третьяков 1990, Доспехов 1985, Гавриленко 1975, Lichtenthaler 1983, Wettctein, 1957, Гагаринский 2014, таъмин ва асоснок карда шудааст.

Тибқи автореферати диссертатсия маълум мешавад, ки кори диссертатсионии С.Э. Асоев, ки дар дараҷаи дурусти таҷрибавию назарияви иҷрокарда шудаанд, натиҷаҳо ва шаҳру эзоҳоти онҳо, инчунин хулосаҳои баровардашуда бо эътимод ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок мебошанд.

Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона автореферати диссертатсия аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд холӣ нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии корро коста намегардонанд. Аз ин рӯ, ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд. Эродҳо чунинанд:

1. Дар матни автореферат ба хатогиҳои имлоӣ роҳ дода шудааст, дар мисоли навиштани таркиби хлорофилл- Хл.а, Хл.б ва (Хл.в) чунин навишта мешавад, ки онро сарфи назар кардааст диссертант - с. 21- ҷадвали 10 (34), с. 23 ҷадвал (11 (35).

2. Ҳангоми номгузории фиторегуляторҳо аз номенклатураи Женевагӣ истифода шудааст, хуб мешуд, ки диссертант номенклатураи ратсионалиро низ ба инобат мегирифт.

Кори диссертатсионӣ аз ҷиҳати ҳаҷм аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, навоварӣ ба талаботи «Низомнома дар бораи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.04 – «Биохимия» мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Доктори илмҳои биология,
профессори кафедраи химияи
фармасевтӣ ва захршиносии ДДТТ ба номи
Абӯалӣ ибни Сино Бобизода Ғ.М.

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи. Неъмат Қарабоев,
бинои 102, ҳуҷраи 199
Тел.: (+992) 918 17 03 60,
E-mail: bobievgm@mail.ru

Имзои Ғ.М. Бобизода -ро тасдиқ мекунам:

Сардори Раёсати рушди кадрии МДТ "ДДТТ ба номи
Абуалӣ ибни Сино" , н.и.т. Сафаров Б.И.
Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, н. Сино, куч.Сино 29-31
Тел.: (+992) 446 600 3977, 235 34 96,
E-mail: info@tajmedun.tj

"15" 08 соли 2025